## ПРОТОКОЛИ № 7

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи **“Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ”**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ)

az 1 апрели с. 2025

**Иштирок карданд:** 11 нафар аз 16 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ.

1. Гафаров А.А. – д. и.т., дотсент – раиси Шуро;
2. Иброгимов Х.И. – д. и.т., профессор – муовини раиси Шуро;
3. Олимбойзода П.А. – н.и.т., котиби илмии Шуро;
4. Амонзода И.Т. –д.и.т., дотсент, аъзои Шуро;
5. Икромӣ Х.И. – д.и.т., аъзои Шуро;
6. Ишматов А.Б. – д.и.т., профессор, аъзои Шуро;
7. Мирзозода Г.Х. – н.и.т., дотсент. аъзои Шуро;
8. Набиев А. Ғ. – н.и.т. аъзои Шуро;
9. Ҷалилов Ф.А.– н.и.т., дотсент, аъзои Шуро;
10. Шарипова М.Б. – н.и.х., дотсент, аъзои Шуро;
11. Яминзода З.А. – д.и.т., дотсент аъзои Шуро.

**Гафаров А.А.**, раиси Шурои диссертатсионӣ: Мухтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ, аз 16 нафар аъзоёни Шуро 11 нафар дар ҷаласа иштирок доранд. Кворум ҳаст. Шуро дорои салоҳияти муҳокимаи масъалаи рӯзномаи ҷаласа мебошад. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар барои гузаронидани ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ доранд ё не? Пешниҳодҳо нестанд. Ба овоз мемонем. Ҳама тарафдор. Ҳама бо рӯзномаи ҷаласа шинос ҳастанд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Муҳокимаи хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба ташхиси диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи **“Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ”**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ

ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ)

**Шунида шуд:**

**Аз рӯйи масъалаи якум баромад намуданд:**

**Икромӣ Х.И.** – д.и.т., раиси комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи **"Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ"**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) пешниҳод шудааст, хулосаи комиссияро хонда, қайд намуданд, ки диссертатсия ба ҳама талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад ва барои ҳимояи он тавсия дода шавад.

***Қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи **"Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ"**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар рӯйхати зерин тасдиқ карда шавад:

**Муҳидинов З.Қ.** – доктори имлмҳои химия, профессор, сарходими илмӣ озмоишгоҳи кимиёи пайвастаҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АМИТ

**Раҳмонова Ҷ.А.** – номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи институти политехникии ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ.

3. Барои чопи автореферат иҷозат дода шавад. Рӯйхати тақсимоти автореферат тасдиқ карда шавад.

4. Санаи тахминии ҳимоя 10- июни соли 2025 таъин карда шавад.

5. Эълони ҳимоя ва автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ :
«Тарафдор» - 11 нафар;
«Муқобил» - нест;
«Бетараф» - нест

Раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.т., дотсент — Гафаров А.А.

Котиби илмии Шуро, н.и.т. — Олимбойзода П.А.